# РЕЙДИ МУШТАРАК ЧӢ НАТИЧА ДОД?

Танзими харакати наклиёти автомобилии харбӣ ва риоя намудани коидаи харакат дар роххои кишвар хамеша мади назари кормандони Бозрасии марказии харбии автомобилӣ буда, дуруст ба бар намудани сару либоси харбӣ дар байни хизматчиёни харбӣ пайваста аз тарафи патрулони доимомалкунанда назорат карда мешавад.      Дар натичаи рейди муштараки Прокуратураи харбӣ бо Бозрасии марказии харбии автомобилӣ ва патрулони доимамалкунандаи Полки таъминотӣ ва идоракунӣ дар гарнизони Хатлон як катор конуншиканхо аз чониби ронандахои наклиёти харбии ин гарнизон дар самти риоя накардани коидаи харакат дар рох, ба итмом расидани мухлати хуччатхои тасдиккунандаи автомобилхои харбӣ, чой доштани норасоӣ дар хухчатхои зарурии автомобилхои харбӣ ва ба манфиати шахсӣ истифода бурдани автомобилхои хизматӣ ба кайд гирифта шуд,  ки нисбати чанд нафари онхо протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба макомоти дахлдор равона карда шуданд.




Хамчунин, зимни назорат дар кӯчаву хиёбонхои ин гарнизон аз чониби хизматчиёни харбӣ беэътиноӣ нисбат ба пӯшидани дурусти сару либоси харбӣ низ ба назар мерасид. Маълум карда шуд, ки баъзе афсарону сарбозон  хангоми берун аз кисми харбӣ карор доштан, либоси харбиро мувофик ба меъёри муайяннамудаи оинномахои харбӣ ба бар накарда, масъулияту шарафи низомии худро фаромӯш менамоянд.




Ба номи пуршарафи афсару сарбоз ва пешаи пуршарафи  низомӣ иснод оварда, нуфузи Куввахои Мусаллахро коста менамоянд.  Холате хам ба назар расид, ки хизмачиёни

харбӣ бо дидани нозирони Бозрасии марказии харбии автомобилӣ ва патрулхои доимамалкунанда ба ишораи онхо итоат накарда, самти харакати худро идома доданд.

Дар холе, ки онхо худ хамчун хизматчии харбӣ химоятгари манфиатхои  давлату миллат буда, бо рафтори шоиста дар назди чомеа бояд намунаи ибрат бошанд.

**Маркази матбуоти  Вазорати мудофиаи  Чумхурии Точикистон**